Бо фармоиши вазири
маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «12» 10 соли 2016,
№ 3836 тасдиқ шудааст

# Тартиби баргузории имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби мазкур дар асоси моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва бандҳои 9 ва 94 Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2015, № 495 тасдиқ шудааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби ташкил ва гузаронидани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсусро дар доираи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – муассисаҳои таълимӣ) муайян мекунад.

2. Имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсусро довталабоне месупоранд, ки аз рӯйи ихтисосҳои интихобкардаашон тибқи низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ва талаботи қоидаҳои қабули донишҷӯён барои дохил шудан ба муассисаҳои таълимӣ аз онҳо омодагии эҷодӣ ва маҳорати махсус талаб карда мешаванд. Бо имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус қобилиятҳои эҷодию малакаи махсуси довталабон ва имкониятҳои шахсии онҳо барои аз худ намудани касбҳои дахлдор санҷида мешавад.

3. Рӯйхати ихтисосҳое, ки супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳорати махсусро талаб менамоянд ва мазмуни имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус, аз ҷумла, шакли баргузорӣ, миқдори санҷишҳо ва фанҳои имтиҳонии ихтисосҳои мазкурро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

4. Имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус тибқи мӯҳлати муқаррарнамудаи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Марказ) дар мувофиқа бо муассисаҳои таълимии дахлдор ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимие, ки дар онҳо аз рӯйи ихтисосҳои дахлдор донишҷӯёнро таълим медиҳанд, баргузор карда мешаванд.

5. Барои ташкилу баргузории имтиҳонҳои эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таълимӣ комиссияи имтиҳонӣ (фаннӣ) таъсис дода мешаванд.

6. Комиссияҳои имтиҳонӣ (фаннӣ) дар муассисаҳои таълимӣ то 1 июни соли имтиҳонӣ таъсис дода мешаванд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
рақами № 830
«23» 11 с.20 16

7. Шумораи имконпазири ҳадди аксари холи имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус барои ҳар як ихтисос, новобаста аз муассисаҳои таълимӣ ва теъдоди санҷиш, 100 аст.

8. Холҳои аз имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус бадастовардаи довталаб тавассути низоми 300-балӣ шкалабандӣ карда мешаванд (новобаста аз муассисаҳои таълимӣ ва ихтисосҳое, ки супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳорати махсусро талаб мекунанд).

9. Холи гузариш аз имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсусро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

## 2. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОРИИ ИМТИҲОНҲОИ ЭҶОДӢ ВА МАҲОРАТИ МАХСУС

10. Муассисаҳои таълимие, ки дар онҳо аз рӯйи ихтисосҳои супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсусро талабмекарда донишҷӯён таълим дода мешавад, қоидаҳои доир намудани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус, муҳлати баргузорӣ, вақти оғоз ва анҷоми онҳо, қоидаҳои рафтори довталабон дар имтиҳонҳо ва дигар масъалаҳои вобаста ба баргузории имтиҳонро муайян карда, маълумоти заруриро дар ин хусус то 10 декабр ба Марказ пешниҳод менамоянд.

11. Довталабон ихтисосҳоеро, ки супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳорати махсусро талаб менамоянд, бо назардошти муассисаҳои таълимӣ, шакл ва намуди таҳсил интихоб карда, дар нуқтаҳои бақайдгирии Марказ тибқи талабот ва муҳлати муқаррагардида ба қайд гирифта мешаванд. Баъд аз бақайдгирӣ ба довталабон “Варақаи бақайдгирӣ” дода мешавад, ки барои қабули ҳуҷҷатҳо ва супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳорати махсус дар муассисаҳои таълимии дахлдор ҳуҷҷати расмӣ ҳисоб меёбад.

12. Довталаб ихтисос(ҳо)-еро, ки супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсусро талаб менамоянд, танҳо аз як муассисаи таълимӣ интихоб карда метавонад.

13. Дар сурати якхела будани талаботи имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳорати махсус аз чанд ихтисоси як муассисаи таълимӣ довталаб метавонад аз ҳамин муассисаи таълимӣ якчанд ихтисосро интихоб намояд. Дар чунин ҳолат холҳои аз имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳорати махсус бадастовардаи довталаб барои ҳамаи ихтисосҳои дахлдори интихобкардааш эътибори баробар дорад.

14. Рӯйхати довталабонеро, ки имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсусро месупоранд, Марказ дар шакл ва муҳлати муқаррааргардида ба муассисаҳои таълимии дахлдор пешниҳод мекунад.

15. Ҷадвали баргузории имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсусро (бо фарогирии номи ихтисос, фанни имтиҳон (санҷиш), рӯз, вақт ва макони баргузории машварат (консултатсия) ва имтиҳон) ректор (директор)-и муассисаи таълимӣ тасдиқ мекунад. Ин ҷадвал бо дигар маводи иттилоотии зарурӣ ба Марказ дар муҳлати муқарарнамудааш пешниҳод карда мешавад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАҚАМИ № 83D
23 - 11 с.2018

16. Муассисаи таълимие, ки довталаб бояд дар он имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсусро супорад, инчунин нишонии он ва муҳлати баргузории имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус дар даъватнома, ки Марказ ба ҳар довталаби бақайдгирифта мефиристад, нишон дода мешавад.

17. Пеш аз муҳлати муқарраргардида барои супоридани имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус довталаб бояд дар назди комиссияи қабули муассисаи таълимӣ ҳозир гардида, аз талаботи имтиҳон (намуди санҷиш), рӯзи машварат, рӯз, вақт ва макони супоридани имтиҳон огоҳ шавад. Барои супоридани имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус дар муассисаи таълимии дахлдор варақаи бақайдгирӣ ва даъватномаи довталаб ҳуҷҷати расмӣ ба ҳисоб меравад.

18. Комиссияи қабули муассисаи таълимии дахлдор пас аз бақайдгирӣ ба довталабон барои иштирок дар имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус (бо нишон додани имтиҳон (намуди санҷиш), рӯз, вақт ва макони супоридани имтиҳон) бояд хабарнома диҳад.

19. Қабул ва ҷобаҷошинонии довталабонро дар синфхона ё макони супоридани имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус ва риояи талаботи ин Тартибро шахсоне, ки муассисаи таълимӣ онҳоро барои ташкил ва баргузории имтиҳони мазкур масъул таъйин кардааст, таъмин менамоянд.

20. Дар вақти имтиҳони эҷодӣ ва маҳорати махсус ҳузури шахсони бегона манъ аст.

21. Довталаб бояд дар муҳлати муқарраргардида барои супоридани имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус ба муассисаи таълимии дахлдор ҳозир шуда, шиноснома ё ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, ки онро мақоми ваколатдори давлатӣ додааст, даъватнома ва варақаи бақайдгириро пешниҳод намояд.

22. Дар вақти имтиҳони эҷодӣ ва маҳорати махсус ба довталаб бо худ доштан ва истифода кардани воситаҳои алоқа, техникаи ҳисоббарори электронӣ ва дигар ашёву таҷҳизоти манъшуда мумкин нест.

23. Дар рафти имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳорати махсус довталаб бояд талабот ва қоидаҳои муқарраркардаи муассисаи таълимиро риоя намояд.

24. Пеш аз оғози имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус довталаб бо кори имтиҳонӣ, талабот барои иҷрои кори имтиҳонӣ ва меъёри баҳогузорӣ ба он шинос карда шуда, ба ӯ дар бораи вақт ва ҷойи эълони натиҷаҳои имтиҳонҳо, тартиби пешниҳоди аризаи апеллятсионӣ ва ғайра маълумот дода мешавад. Имтиҳонгиранда вақти оғоз ва анҷоми имтиҳонро эълон карда, онро дар тахта (лавҳа) қайд менамояд.

25. Дар сурати бо сабаби узрнок дер кардан ё ҳозир нашудани довталаб ба имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус, ба ӯ барои супоридани имтиҳонҳо дар даври иловагии имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус, ки барои довталабони ҳангоми бақайдгирии иловагӣ азқайдгузашта пешбинӣ гардидааст, иҷозат дода мешавад. Барои супоридани имтиҳон дар даври иловагии имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус Марказ ба довталаб дар асоси аризаи пешниҳодкардааш иҷозат медиҳад.

26. Барои дар рафти имтиҳон вайрон кардани муқаррароти Тартиби мазкур ва қоидаҳои муқаррарнамудаи муассисаи таълимӣ имтиҳонгиранда ҳуқуқ дорад, ки довталабро аз имтиҳон хориҷ намояд. Дар чунин ҳолатҳо

БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАҚАМИ № 830
23-11 с.2016

имтиҳонгиранда дар бораи хориҷ кардани довталаб аз имтиҳон санад тартиб дода, сабабашро дар он шарҳ медиҳад. Санадро имтиҳонгиранда(ҳо) имзо карда, довталабро бо он ҳатман шинос менамоя(н)д. Натиҷаи имтиҳони довталабе, ки бинобар вайрон кардани қоида ва тартиби муқарраргардидаи имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус аз имтиҳон хориҷ карда шудааст, аз эътибор соқит дониста мешавад.

27. Ба довталаб барои такроран ё аз нав супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус иҷозат дода намешавад.

28. Санҷишу баҳогузории натиҷаҳои аз имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳорати махсус бадастовардаи довталаб тибқи тартиби муқаррарнамудаи муассисаи таълимӣ дар ҳамин муассиса анҷом дода мешавад.

29. Кор ва амалҳоеро, ки довталабон дар имтиҳони эҷодӣ ва маҳорати махсус анҷом медиҳанд, танҳо аъзои комиссияи имтиҳонӣ (фаннӣ)-и муассисаи таълимӣ санҷида баҳогузорӣ менамоянд.

30. Санҷишу баҳогузории ҷамъбастии натиҷаҳои аз имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳорати махсус бадастовардаи довталабон бо истифода аз шакл (рӯйхат)-и муқаррар ва пешниҳоднамудаи Марказ ва протоколи комиссияи имтиҳонӣ (фаннӣ)-и муассисаҳои таълимӣ ба расмият дароварда мешавад.

31. Натиҷаҳои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсусро комиссияҳои қабули муассисаҳои таълимии дахлдор на дертар аз як рӯз баъди баргузории имтиҳонҳо эълон мекунанд.

32. Бо мақсади таъмини риояи талабот ва ҳалли масъалаҳои баҳсталаб ҳангоми баҳогузории натиҷаҳои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус, ҳимояи ҳуқуқи довталабоне, ки имтиҳонҳои мазкурро месупоранд, дар давраи баргузории ин имтиҳонҳо дар муассисаи таълимӣ комиссияи апеллятсионӣ таъсис дода мешавад.

Комиссияи апеллятсионӣ барои сари вақт ва воқеъбинона баррасӣ кардани аризаҳои апеллятсионии довталабон дар бораи (1) вайрон кардани тартиби муқаррргардидаи баргузории имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳорати махсус ва (ё) (2) норозӣ будан аз холи барои имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус гузошташуда масъул мебошад. Ҳайати комиссияи апеллятсионӣ бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таълимӣ тасдиқ карда мешавад.

33. Агар муқаррароти танзимкунандаи расмиёти баргузории имтиҳонҳо вайрон карда шуда бошад, довталаб аризаи апеллятсионӣ дар бораи вайрон кардани тартиби муқаррргардидаи баргузории имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсусро ба комиссияи апеллятсионии муассисаи таълимӣ танҳо дар рӯзи имтиҳон пешниҳод карда метавонад.

34. Комиссияи апеллятсионии муассисаи таълимӣ аризаи апеллятсионии довталабро баррасӣ намуда, (1) дар сурати қонеъ гардонидани он қарор қабул менамояд, ки натиҷаи имтиҳони довталаб аз эътибор соқит дониста, ба ӯ дар имтиҳонҳои иловагӣ имконияти супоридани имтиҳони дахлдор дода шавад, (2) дар сурати беасос донистани даъвои довталаб қарор қабул мекунад, ки аризаи апеллятсионии довталаб рад карда шуда, натиҷаи имтиҳони ӯ боэътибор дониста шавад.

35. Аризаи апеллятсионӣ дар бораи норозӣ будан аз ҳоли барои имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус гузошташударо довталаб шахсан ба

ТОҶИКИСТОН
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАҚАМИ № 830
"23" 11 с.2016

комиссияи апеллятсионии муассисаи таълимӣ дар рӯзи эълони натиҷаҳои имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус пешниҳод менамояд.

36. Тибқи натиҷаҳои баррасии аризаи апеллятсионии довталаб дар бораи норозӣ буданаш аз холҳои барои имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус гузошташуда комиссияи апеллятсионии муассисаи таълимӣ яке аз қарорҳои зеринро қабул менамояд:

- аризаи апеллятсионии довталаб рад ва холҳои гузошташуда бе тағйир монда шавад;

- аризаи апеллятсионии довталаб қонеъ ва холҳои гузошташуда тағйир дода шавад.

37. Вобаста аз натиҷаҳои баррасии аризаи апеллятсионӣ ва қарори қабулгардида холҳои ба довталаб гузошташуда метавонад на фақат зиёд, балки кам ҳам гардад.

38. Комиссияи апеллятсионии муассисаи таълимӣ аризаи апеллятсионии довталабро дар давоми на зиёда аз 2 (ду) рӯз баррасӣ мекунад. Комиссияи апеллятсионӣ уҳдадор аст, ки довталабро дар бораи натиҷаи баррасии аризаи апеллятсиониаш дар давоми на дертар аз 2 (ду) рӯз пас аз қабули қарор хабардор намояд.

39. Натиҷаҳои баррасии аризаи апеллятсионӣ ва қарори қабулгардида бо протоколи баррасии аризаи апеллятсионӣ, ки онро раис ва аъзои комиссияи апеллятсионӣ имзо мекунанд, ба расмият дароварда мешавад.

40. Муассисаҳои таълимӣ натиҷаҳои ниҳоии имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсусро пас аз анҷоми имтиҳонҳо тибқи шакл ва мӯҳлати муқарраркардаи Марказ ба он пешниҳод менамоянд.

## 3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

41. Довталабоне, ки танҳо ихтисосҳои супоридани имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус талабмекардаро интихоб менамоянд, имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус ва имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ)-ро месупоранд ва аз супоридани имтиҳонҳои қисми Б (имтиҳони ихтисос) озоданд.

Довталаб дар баробари интихоби ихтисос(ҳо)-е, ки имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсусро талаб мекунад, метавонад ихтисос(ҳо)-еро низ интихоб намояд, ки супоридани чунин имтиҳонро талаб намекунад. Дар ин сурат, вобаста аз дигар ихтисос(ҳо)-и интихобкардааш, довталаб бояд ба ғайр аз имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус ва имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ), инчунин имтиҳони қисми Б (имтиҳони ихтисос)-ро супорад.

Натиҷаи шкалабандишудаи аз имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус бадастовардаи довталаб дар озмуни тақсимот танҳо ба натиҷаи шкалабандишудаи аз имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ) бадастовардааш илова карда шуда, барои он ихтисос(ҳо)-и интихобкардааш ба ҳисоб гирифта мешавад, ки супоридани имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсусро талаб менамояд.

Дар озмуни тақсимот тибқи ихтисосҳое, ки супоридани имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсусро талаб намекунанд, натиҷаи умумии шкалабандишудаи довталаб, ки аз ҳамаи субтестҳои имтиҳони қисми А

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
... САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАҚАМИ № 830
23 11 2018

(имтиҳони умумӣ) ва имтиҳони қисми Б (имтиҳони ихтисос) ба даст овардааст, ба ҳисоб гирифта мешавад.

42. Барои роҳ ёфтан ба озмуни тақсимот тибқи ихтисос(ҳо)-е, ки супоридани имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсусро талаб менамояд, довталаб бояд аз имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус ва ҳамаи субтестҳои имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ) холҳои гузаришро соҳиб гардад.

43. Барои роҳ ёфтан ба озмуни тақсимот тибқи ихтисос(ҳо)-е, ки супоридани имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсусро талаб намекунад, довталаб бояд аз ҳамаи субтестҳои имтиҳонҳои қисми А (имтиҳони умумӣ) ва қисми Б (имтиҳони ихтисос) холҳои гузаришро соҳиб гардад.

44. Агар довталаб дар баробари ихтисос(ҳо)-е, ки супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳорати махсусро талаб мекунад, ихтисос(ҳо)-еро низ интихоб карда бошад, ки чунин имтиҳонро талаб намекунанд, он гоҳ:

- дар сурати ба даст овардани холҳои гузариш аз имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус ва ҳамаи субтестҳои имтиҳонҳои қисми А (имтиҳони умумӣ) ва қисми Б (имтиҳони ихтисос) ӯ ба озмуни тақсимот аз рӯйи ҳамаи ихтисосҳои интихобкардааш роҳ дода мешавад;

- дар сурати ба даст овардани холҳои гузариш аз ҳамаи субтестҳои имтиҳонҳои қисми А (имтиҳони умумӣ) ва қисми Б (имтиҳони ихтисос) ва соҳиб нагардиданаш ба холи гузариш аз имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус ӯ ба озмуни тақсимот аз рӯйи он ихтисос(ҳо)-и интихобкардааш роҳ дода мешавад, ки супоридани имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсусро талаб намекунад;

- дар сурати ба даст овардани холҳои гузариш аз имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус ва ҳамаи субтестҳои танҳо имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ) ва соҳиб нагардиданаш ба холи гузариш аз як ё якчанд субтести қисми Б (имтиҳони ихтисос) ӯ ба озмуни тақсимот аз рӯйи он ихтисос(ҳо)-и интихобкардааш роҳ дода мешавад, ки супоридани имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсусро талаб мекунад.

45. Тақсимоти довталабони холҳои гузаришро аз имтиҳони эҷодӣ ё маҳорати махсус ва ҳамаи субтестҳои имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ) соҳибгардида аз рӯйи ихтисосҳои интихобкардаашон тибқи тартиби муқарраргардида амалӣ карда мешавад.

46. Баъд аз анҷоми тақсимоти довталабон аз рӯйи ҳар ихтисос вобаста аз муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, шакл ва намуди таҳсил аз рӯйи ихтисос рӯйхатҳои ниҳоӣ тартиб дода мешавад. Рӯйхатҳои тақсимоти довталабонро директори Марказ тасдиқ ва барои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимӣ пешниҳод мекунад. Ба рӯйхатҳо метавонад маълумоти зарурӣ илова шавад.

47. Комиссияҳои қабули муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ қабули ҳуҷҷатҳоро (барасмиятдарории парвандаҳои шахсӣ, бастани шартномаҳо ва дигар равандҳои дахлдор) тибқи қоидаҳои қабул анҷом медиҳанд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Рақами № 830
«23» 11 с.2016